# Чароғи хотира хомӯш намегардад

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

آوازتاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ӮЗБЕКИСТОН

8 маи соли 2002. Чоршанбе № 34 (12777)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 18.50 имзо гардид.


## Ба рӯи об баровардани иқтидори диёри қароқалпоқ, баланд бардоштани сатҳи зиндагонии одамон – вазифаи муҳим

### Нутқи Президент Ислом КАРИМОВ дар иҷлосияи ғайринавбатии Жоқарги Кенгеси Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон

Ассалому алейкум ҳамватанони азиз!

Мӯҳтарам вакилони халқ!

Пеш аз ҳама гуфтанӣ ҳастам, ки дар ин рӯзҳои зебо, вақте ки ба заминҳои нопайдоканори қароқалпоқ баҳор омадааст, бо шумоён сиҳҳату саломат дидор дидан хушбахт ҳастам ва бори дигар эҳтиром ва ҳурмати амиқи худро нисбати шумоён баён месозам.

Бо иҷозаи шумоён пеш аз он ки ба масъалаи рӯзномаи кор гузарам, оид ба як қатор масъалаҳои муҳим, аз он ҷумла дар ин бобат яъне баробари дигаргунсозиҳои мусбие ки дар Қароқалпоқистон рух додаанд, оиди камбудиву хатогиҳо мубодилаи афкор карданӣ ва дар бораи сабабҳое истода гузаштаниам, ки ба ин қафомонӣ овардаанд.

Ба фикрам, агар як қатор фикру мулоҳизаҳои худро оиди ин масъалаҳо баён созам, аз фоида холӣ намебуд.

Имрӯз ба фаъолияти худ, кори худ аз нигоҳи танқидӣ баҳо дода, мо дар навбати аввал бояд дар ин бобат фикр намоем: чӣ тавр ҳаёти одамоне, ки дар ин сарзамин истиқомат доранд беҳтар карда, дар ҷавононе ки ба ҳаёти мустақилона бо орзуву омоли калон ворид гардидаанд, ҳисси бовариро ба рӯзи оянда, ҳисси неки муҳаббатро нисбати кишвари маҳбуб таҳким бахшем.

Соли ҷорӣ, ки соли эъзози куҳансолон эълон гардидааст, ба мо лозим меояд, ки нисбати падару модароне, ки дар ҳаёт аз таҳти дил меҳнат кардаанд, ҳурмату эҳтироми калон зоҳир намоем, дар бобати сабук кардани ҳаёти онҳо кӯмаки ҳамаҷониба расонем.

Алқисса, ба мо лозим меояд, ки ташвишу изтироб, фикру орзуҳои одамонеро, ки тақдири худро ба ин кишвар пайвастаанд, амиқан дарк намоем, бори дигар бо сарварон, ҳокимон, фаъолоне ки дар ин ҷо ҷамъ шудаанд, дар бораи вазифаю қарзашон дар ин бобат гуфтугузор намоем, вазифаҳои худро аниқ муайян созем.

Дӯстони азиз!

Ҳар як инсоне, ки дида ба дунё кушодааст, дар тӯли ҳаёти инъомкардаи оллоҳ бо орзуву омоли хуб умр ба сар мебаранд.

Бо ташвиши имрӯз ҳаёт ба сар бурдан, аз он хурсандӣ намудан, саъю кӯшиш ба корҳои нек, эътимод ба рӯзи оянда ин ҳолати табиӣ барои ҳамаамон мебошад.

Халқи қароқалпоқ дар шароити мураккабу душвори фалокати экологие, ки дар натиҷаи хушк гардидани баҳри Арал ба миён омадааст, бо эътимоди нек ба рӯзи оянда ҳаёт ба сар мебаранд.

Вале ҳар яки мо хуб дарк кардаем, ки барои дар чунин шароити мураккаб ҳаёт ба сар бурдан, дар қалб нигоҳ доштани меҳру муҳаббат нисбати сарзамине, ки дар ин ҷо дида ба дунё кушода ба камол расидааст ва бо ин ҳиссиёт тарбия намудани фарзандоне, ки чун навниҳолон мебошанд, ҷавонони садоқатманди Ватани худ, ки бо ҳисси шаъну шарафи худӣ ҳаёт ба сар мебаранд, сабру таҳаммул, мардонагӣ ва истодагарии ниҳоят калонро тақозо дорад.

Бо фахру ғурур гуфтан лозим меояд, ки чунин сифатҳои нек аз қадим боз ба халқи қароқалпоқ хосу мос мебошад.

Ман ин воқеаро чун дирӯза рӯй додагӣ барин хуб дар хотир дорам: тобистони соли 1989 вақте ки акнун ба вазифаи сарвари ҷумҳурият таъин гардида будам, сараввал ба ноҳияи Мӯйноқи Қароқалпоқистон омадам, то ки бо вазъи ҳақиқии кор, кайфияти одамон ошно гардам, муаммоҳои ҳаёти онҳоро бо чашмони худ бинам ва онҳоро дар навбати аввал ҳаллу фасл намоем. Бояд зикр намуд, ки ҳамон вақт мамлакати мо марҳилаи мураккабу шиддатнокро аз сар мегузаронд. Аз як тараф фоҷиа дар Фарғона, аз тарафи дигар вазъи душвори деҳотамон, дар айни замон воқеаҳои Ӯш ва Ӯзган ҳамаи моро азоб медод, ҳамаи он дар дӯши мо бори вазнин буд, ташвишу изтироби беҳадро ба вуҷуд оварда буд.

Дар чунин вазъияти мураккаб мо сиёсати бобаркашро ба роҳ мондем ва ҳаракат кардем, ки ҳаллу фасли дурусти ин муаммоҳоро дарёбем.

Ба шароити ниҳоят душвор нигоҳ накарда, мо ҳамон вақт ба муаммои ҳавзаи Арал диққату эътибори махсусро нигарондем, ба он роҳ нагузоштем то ки вазъият ҷиҳати ниҳоят таҳдидкунандаро пайдо кунад.

Чунин тадбирҳо аз қабили ба вуҷуд овардани дарахтзорҳо дар қад-қади соҳили Амударё, маҳдуд кардани якказироатии пахта, пешкаш кардани замин барои қитъаи наздиҳавлигӣ, тармими коллектори Устюрт, сохтани 220 иншоот барои расонда додани оби ошомиданӣ, ҳамаи онҳо танҳо оғози корҳои мусбии доманадор буданд.

Ба фикрам, ба халқи мо саъю кӯшишамон оиди ҷалб сохтани диққату эътибори роҳбарияти собиқ Иттиҳод ва ҷомеаи ҷаҳонӣ нисбати фоҷиаи Арал хуб маълум аст.

Вале агар дар бораи қарори Шӯрои Олии собиқ ИҶШС оид ба ин масъала қабул гардидаасту ҳамчун эъломияи саросар аз суханбозӣ иборат дар ин самт ягон иқдоми амалӣ ба иҷро расонда нашудааст, худаш вазъиятро нишон медиҳад.

Вале мо хомӯш наистодем. Аллакай соли 1989 азназаргузаронии тиббии аҳолие, ки дар ин минтақа зиндагонӣ дорад гузаронда, ба 380 ҳазор нафар одамон кӯмаки тиббӣ расонда шуд. Қариб 4 ҳазор нафар барои табобат ба беморхонаҳои дахлдори ҷумҳурият фиристода шуданд. Ҳазорҳо нафар бачагон дар санаторияҳо солим гардонда шуданд.

Такроран мегӯям, дар ҳамон давраи душвор бо тамоми ҳастӣ ман миннатдорӣ ва мардонагии халқи қароқалпоқро ҳис карда будам.

Ман ба ин ҷо вақте ки дар Вазорати молия, Госплан кор мекардам, бисёр омадаам.

Вале вазъи душвори ин кишварро дар соли 1989 ҳамчун натиҷаи хушкшавии Арал, ки на танҳо одамон, балки заминро низ ба ташвиш гузошта буд, дида гаштаю баргашта ҳис кардам, ки ба зиммаи ман чӣ гуна вазифаи душвор гузошта шудааст. Ва ҳоло низ кушоду равшан мегӯям, ки масъалаи мазкур то ҳоли ҳозир дар қалби ман ҳамчун дард боқӣ мондааст.

Воқеаҳоеро, ки 10-12 сол муқаддам рух додаанд, яъне дар он марҳила вақте ки мо акнун соҳиби истиқлолият гардида будем, он корҳоеро, ки мубоист иҷро кунем ва он душворину муаммоҳоеро, ки ба зиммаи мо афтода буданд, ба хотир оварда, диққату эътибори шумоёнро боз ба як хулосаи бардошташуда ҷалб сохтаниам. Он аз ҳамин иборат аст, ки дар ҳамон айём дар вазъияти мураккаб халқи қароқалпоқ саховатқалбӣ ва таҳаммули худро намоиш дод. Ба инсоне эътимоди худро нишон дод, ки сарвари мамлакат дар ин вазъияти мураккаб гардида буд.

Бидуни ягон муболиға гуфтан мумкин аст, ки маҳз ҳамон вақт навниҳоли ин эътимоди байниҳамдигарӣ ва эътимод ба нумӯъ кардан шурӯъ намуд, ки байни мо ба вуҷуд омад ва он имконият фароҳам овард ва имкон дод, ки ҳамдигарро хуб фаҳмем.

Таассуроти шахсии худро аз ҳамон давраи фаромӯшнопазир, он рӯзҳое, ки ба мо лозим омад онро аз сар гузаронем, ба хотир оварда, ба фикрам имрӯз бори дигар зикр намоям, ки ман фарзанди на танҳо халқи ӯзбек, балки халқи қароқалпоқ ҳам мебошам, ҳақ дорам.

Аҳли ҷамъият, халқи мо, ман ҳамчун фарзанди ин кишвар оиди фоҷиаи Арал аз минбарҳои мухталиф — хоҳ Созмони Милали Муттаҳид ва ё Ташкилоти амният ва ҳамкории Аврупо, дигар анҷуманҳои бонуфуз дар Аврупо ва Осиё ҳарф задам. Дар ҳама ҷо чунин даъватро пеш гузоштам: одамон назар кунед, дарк намоед, диққату эътиборатонро ба фалокати ба сари мо омада нигаронед. Дар ин масъала ба мо кӯмаки амалӣ расонед, набошад фалокати мазкур ҷиҳати умумисайёравӣ пайдо мекунад, ба сари шумо ҳам таҳдид меоварад.

(Давомаш дар саҳифаи 2.)



## Эҳтиром

Ҳоли ҳозир 150 нафар бобову момоён дар сиҳҳатгоҳи «Чимён»-и вилояти Фарғона истироҳат мекунанд. Ин кори хайр ба шарофати ҳамкории ҳокимияти вилояти Фарғона, Кенгаши иттифоқҳои касабаи вилоят, шӯъбаи вилоятии Палатаи молофарандагон ва тадбиргарон ба рӯи об баровардa шуд.

Тадбири мазкур, ки арзишаш ба 12 миллион сӯм баробар аст, имкон медиҳад собиқадороне, ки дар кишоварзӣ, муассисаҳои давлатӣ, тандурустӣ, маориф, сохтмон, сӯзишвориву энергетика, саноати сабук кор кардаанд, дар тӯли 18 рӯз баробари истироҳати бофароғат саломатии худро барқарор кунанд.

Ба сиҳҳатгоҳ фиристодани боз 700 нафар собиқадорон бо роҳхати имтиёзнок дар назар дошта шудааст.

**Дар сурат:** истироҳаткунанда **Ӯктам АЙЮБОВ** ва духтур **Ляля АБАЕВА.**

**Матн ва сурати Муқимҷон ҚОДИРОВ (ӮзА).**

## Вохӯрии се насл

Дар мактаби рақами 183-уми пойтахт бахшида ба ҷашну санаҳо мунтазам тадбирҳои мухталиф гузаронда мешаванд. Вохӯрии се насл дар ин ҷо бахшида ба Рӯзи Хотира ва Қадр ба амал омад.

Дар маҷлисгоҳи мактаб, ки идона оро дода шуда буд, ба ғайр аз омӯзгорону хонандагон, меҳмонони сершумор-собиқадорони ҷангу меҳнат, иштирокдорони ҷабҳаи меҳнат дар ақибгоҳ, фаъолони шӯъбаи челонзории Бунёди «Нуроний» ҷамъ омада буданд. Бояд тазаккур дод, ки дар бобати гузарондани вохӯрии се насл саҳми кормандони ин шӯъба махсусан калон буд.

Ба меҳмонон сараввал барномаи театрикунондашудаи консертӣ намоиш дода, дар он дастаи ҳунарии овозхонони занон-духтарони ноҳияи Миробод ҳам иштирок намуданд. Собиқадорон дар фосилаи байни барномаҳои консертӣ ба саҳна баромада, хотираҳои худро нақл карданд. Онҳо ба унвони авлоди наврас суханони нек гуфтанд ва зикр намуданд, ки ворисони муносибе ба камол мерасанд, ки ба давом додани кори бобову падарон, момову модарон пурра қодиру қобиланд. Омӯзгорон суханони онҳоро тақвият дода, аз хусуси имкониятҳое, ки ба насли наврас фароҳам оварда шудаанд ва мешаванд, нисбати насли наврас чӣ гуна эътимоди калон доштанашонро баён сохтанд.

Вохӯрӣ бо дастархони идона ба анҷом расида, он дар хотири ҳам собиқадорон, ҳам насли дуюм-омӯзгорон ва ҳам насли сеюм — авлоди наврас як умр боқӣ хоҳад монд.

Қарори Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

## ДАР БОРАИ РАҒБАТНОКСОЗИИ ИШТИРОКДОРОНИ ҶАНГИ ДУЮМИ ҶАҲОН

Ба муносибати гузарондани иди умумихалқии 9 май — Рӯзи Хотира ва Қадр, ҳамчунин ба муносибати 57-солагии Ғалаба аз болои фашизм дар Ҷанги дуюми ҷаҳони солҳои 1941-1945 ва ба мақсади рағбатноксозии моддии иштирокдорони ҷанг Девони Вазирон **қарор мекунад:**

1. Мукофотпулии якдафъаина ба маълулон ва иштирокдорони Ҷанги дуюми ҷаҳон ба андозаи 9000 (нӯҳ ҳазор) сӯм муқаррар карда шавад.

2. Харҷотҳои алоқаманди амалӣ гардондани қарори мазкур аз ҳисоби маблағи Буҷаи ҷумҳурӣ таъмин карда шавад.

3. Ба Вазорати молия, Бонки Марказӣ, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Вазорати дифоъ, Вазорати умури дохила, Кумитаи оид ба ҳифзи сарҳади давлатӣ ва Умури амнияти миллии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон супурда шавад, ки додани мукофотпулии номбаргардидаро дар вазъи мутантан ва идона таъмин созанд.

4. Ба Шӯрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо ва шаҳри Тошканд якҷоя бо Вазорати фарҳанг, Вазорати дифоъ, Фарҳангистони бадей, Кумитаи занон, Маркази ҷамъиятии «Маънавият ва маърифат», бунёдҳои «Нуроний», «Маҳалла» ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ супурда шавад, ки вохӯриҳои махсус ва шабнишиниҳои маърифиву бадеиро бахшида ба ҳифозатгарони озодӣ ва шаъну шарафи Ватанамон гузаронанд.

**Раиси Девони Вазирон И. КАРИМОВ.**

шаҳри Тошканд,
3 маи соли 2002.

## Ба ёди гузаштагону фикру зикри зиндагон

Хотира ва қадр, ки арзиши муқаддас барои халқамон ба ҳисоб меравад, ба туфайли истиқлолияти Ӯзбекистон эҳё ёфт ва алҳол аз забони гуфтугӯиамон, аз кору бор ва фаъолияти рӯзмарраамон мақоми махсусро ишғол кардаанд. Зеро дар паси ин мафҳумҳо ҳисси некбиниву некхоҳӣ, орзуву омоли ҳар як қалби инсондӯст ниҳон мебошад. Вале дар гузаштаи на он қадар дур низ ба 9 май аз рӯи манфиати мафкуравӣ муносибат кардаанд, мафҳуму далелҳоро чунон устокорона бофтанд, ки имрӯзҳо ба онҳо аз нигоҳи мақсадҳои истиқлолият, соҳибихтиёрӣ назар афканем, як чизи хандаовар барин метобад.

### 9 май – Рӯзи хотира ва қадр

Дар салтанати гузашта одамонро ба тоифаҳо ҷудо карда, якеро одами худ, дигареро «душмани халқ» гуфта, давру даврон ронданд. Шиори «тақсим намову ҳукматро рон» асоси фаъолият қарор дода, он боиси як халқро ба муқобили халқи дигар гузошта, миллатҳоро ба ҳам ҷанг андохта, аъзои як оиларо ба ду гурӯҳ тақсим карда, ҳукмфармоӣ намудаасту ҳамаи он дар саҳифаҳои таърих ҳамчун «доғи сиёҳ» як умр мӯҳр бастааст. Акнун бохабар гардидем, ки бобову падаронамон, момову модаронамон, дигар хешу пайвандонамон дар Аврупои дурдаст истода , ватани азизи худ Ӯзбекистонро аз офати фашизм ҳимоя кардаанд, онҳо барои Ватани азизи худ Ӯзбекистон, ёри азиз, деҳаи худ, барои бахту саодати хешу пайвандон ҷони хешро нисор кардаанд.

Ва ҷавобан ба ин корнамоиҳо авлоди имрӯзи миннатдор эҳтирому ҳурмати калони худро нисбати фавтидагони Ҷанги дуюми ҷаҳон, кормандони ақибгоҳ ва куҳансолоне баён мекунад, ки дар қайди ҳаёт ҳастанду бо намунаи ибрати шахсӣ, бо маслиҳату пандҳои пурқимати худ дар сохтмони ҳаёти нав фаъолона иштирок мекунанду дар тарбияи авлоди наврас дар рӯҳи садоқатмандӣ ба анъанаҳои нек, Ватани маҳбуб, анъаноти миллӣ саҳми калон мегузоранд.

Аз қадим халқҳои Шарқ, минҷумла халқи Ӯзбекистон ба фавтидагон эҳтироми калон зоҳир мекунанд. Ҳурмату эҳтироми насли калонсол, эъзози хурдсолон як одати муқаррарӣ шуда мондааст. Ва маҳз ин сифатҳо ба халқи мо баъди ба даст омадани истиқлолияти давлатӣ баргаштанд. Сару сарвар ва ташкилотчиву ташаббускори тамоми ин корҳои нек Президент Ислом Каримов мебошанду он аз тарафи халқи сермиллатамон якдилона ҷонибдорӣ карда мешавад. Зеро он ба ҳимояи халқ, манфиатҳои он, баланд бардоштани сатҳи зиндагониаш нигаронда шудаасту аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳам эътирофи худро пайдо кардааст. Минҷумла, вақте ки сарвари давлатамон соли 1998 ғояи ба Рӯзи Хотира ва қадршиносӣ табдил додани 9 май — Рӯзи Ғалабаро пеш гузоштанд, ба он халқамон ҳамоҳанг будани худро намоиш дод. Ҳамон вақт сарвари давлатамон баён карда буд, ки таҳти мафҳуми Хотира мо ба ёд овардани ниёкон, идома додани кори неки онҳоро мефаҳмем. Сифатҳои мазкур аз қадим ба халқи мо хос аст. Қадр ин маънои ба хотир овардан, эҳтиром зоҳир кардан, ёдбуди сазоворонаи ҳамватанонамоне аст, ки дар тӯли асрҳо кишвари маҳбубамон, озодӣ ва истиқлолият, ҳаёти осудаҳолонаи халқамонро қаҳрамонона ва фидокорона ҳифз намудаанд.

Дар асл мафҳуми Рӯзи Хотира ва Қадр маънои ниҳоят амиқеро дорад. Он маънои на танҳо ситоиши он одамонеро, ки дар набардгоҳҳо ба муқобили фашизм иштирок намуда, ҳаёти худро ба хотири ҳифзи Ватани худ Ӯзбекистон қурбон кардаанд, дорад. Мо ин мафҳумро ба забон гирифта, пеш аз ҳама худро дарк кардани инсон, ситоиши фазилатҳои инсониро дар назар дорем. Аз ҳама муҳимаш он аст, ки ҳамин санаи рӯҳбахш ба тарбияи ҷавононе, ки аз паи мо мераванд, дар қалби онҳо бедор сохтани ҳисси фахру ғурур аз Ватан, аз кишвари маҳбуб хизмат менамояд. Боз агар мухтасар баён кунем, Рӯзи Хотира ва Қадр маънои ба ёд овардани ниёкону гузаштагон, ҳаёт ба сар бурдан ба фикру зикри зиндагон, алалхусус куҳансолонро ифода мекунад.



Мо чор сол боз паи ҳам дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов аз 2 марти соли 1999 «Дар бораи Рӯзи Хотира ва Қадр эълон намудани 9 май — Рӯзи Ғалаба» дар мамлакатамон ин рӯзро мутантан баробари ба ёд овардани хотираи ниёкон, иззату икром зоҳир намудан нисбати куҳансолон қайд мекунем. Ҳуҷҷати мазкур боз як далели равшан аз эҳтирому қадркунии собиқадорон ҳам гардид, ки дар тарбияи ҷавонон саҳми калон мегузоранд. Охир, беҳуда имсол дар ҷумҳурият Соли эъзози куҳансолон эълон нагардидааст. Мо онҳоро қадр мекунем, аз нигоҳи моддиву маънавӣ ҷонибдорӣ месозем, таҷрибаи ҳаётиашонро ба эътибор гирифта, дар бобати ҳаллу фасли баъзе муаммоҳоямон истифода мебарем ва мудом мегӯем: «Бе пир марав, ки дар бимонӣ...». Дар арафаи Рӯзи Хотира ва Қадр қарори Девони Вазирони ҷумҳурият «Дар бораи рағбатноксозии иштирокдорони Ҷанги дуюми ҷаҳон» мисоли равшан ба он мебошад. Мувофиқи қарори мазкур ҳар як иштирокдор ва маълули Ҷанги дуюми ҷаҳон аз мукофотпулии якдафъаинаи моддии иборат аз нӯҳ ҳазор сӯм баҳра мебардоранд. Дар айни замон иштирокдорони Ҷанги дуюми ҷаҳон бо ғамхорӣ, меҳру муҳаббати беандозаи вазорату идораҳои мухталиф, ҳокимиятҳои вилояту шаҳрҳо, ноҳияҳо, бунёдҳои гуногун фаро гирифта мешаванд.

Ба сарзаминамон боз Рӯзи Хотира ва Қадр ворид гардид. Бояд тазаккур дод, ки маҳз Рӯзи Хотира ва Қадр эълон гардидани рӯзи 9 май — Рӯзи Ғалабаи пештара халқи моро боз ҳам муттаҳидтар кард, рӯҳбаланд сохт. Зеро он аз сиёсати пешгирифтаи ҳукумати ҷумҳурият таҳти сарпарастии Президент Ислом Каримов розист. Чунки мо дар тӯли тамоми арзи ҳастии истиқлолияти Ватан одамонро ба ҳар гуна рангҳои сунъӣ ҷудо накардем, барои дуруст дарк кардани рӯзгори онон, моҳияти замоне, ки онҳо ҳаёт ба сар бурдаанд, хуб сарфаҳм рафтем, хулосаи даркорӣ бардоштем. Дар роҳи тарбияи фахру ғурури миллӣ, дар қалбу шуури ҷавонон ҷойгир сохтани орзуву омоли халқи худ муттасил фаъолият пеш мебарем. Ниёконамонро пайваста ба хотир меоварем, ҷашну зодрӯзҳои онҳоро қайд мекунем, дар хусуси куҳансолон, авлоди наврас, тамоми табақаи аҳли ҷамъият фикр мекунем. Аз ин рӯ дар ҷамъиятамон сулҳу осоиш ва эътидол ҳукмрон аст, натиҷаҳои гӯшношунидро ба даст меоварем, бунёдкорӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагонии аҳолиро асоси фаъолияти худ қарор додаем. Аз ҳама муҳимаш «Қувва дар адолат аст»-ро дар ҳаёт бомуваффақият татбиқ мекунему он меваҳои ширини худро мебахшад.

**Иброҳим ТӮЛИЕВ, номзади илми таърих.**

***(Дигар маводҳо бахшида ба Рӯзи Хотира ва Қадр дар саҳифаҳои 3 ва 4 чоп шудаанд).***

Акси садо

## Ташаббускорӣ ва фидокорӣ – тақозои замон

Суханронии сарвари давлатамон Ислом Каримовро дар иҷлосияи ғайринавбатии Жуқорги Кенгеси Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон шунидаву мутолиа карда, ба хулоса омадам, ки давру замон пеш аз ҳама аҳливу ташаббускорӣ, фидокорӣ ва баъдан аз ҳар кас масъулияти баландро дар бобати дарк кардани моҳияти ислоҳоту зиндагӣ тақозо доштааст. Фикру мулоҳизаҳое, ки сарвари давлатамон дар иҷлосияи мазкур баён карданд, танҳо ба аҳли меҳнати Қароқалпоқистон не, балки ба ҳар як сокини ҷумҳурият дахлдор аст. Алалхусус, фикр дар бобати масъулияти роҳбар, бо дарду алам, ташвишу изтироби халқ ҳаёт ба сар бурдан маро низ ба андеша кардан водор сохт. Суханон оиди сарварон ба ҳар як комёбиву камбудӣ ва хатогӣ масъул буданаш ба фикрам, айни муддаои дили халқ гардид ва он бешак, ҳар як касро водор месозад, ки ба фаъолияташ аз нигоҳи талаби давру замон баҳо диҳад, ташаббускору фидокор бошад, барои аз як гиребон сар бароварда кор кардани ҷамоа ҷиддан машғул гардад. Дар он сурат ягон муаммо, ягон душворӣ бе ҳаллу фасли худ намемонаду зиндагониамон аз ин ҳам фаровонтару дастархонамон моломол мегардад.

Сарвари давлатамон фикрро дар ин бобат баён карданд, ки ҳамаи ақибмониву пастравиро ба гардани табиат, инҷиқиҳои табиат, обу ҳаво бор кардан, камчинии обро ба забон гирифтан аз рӯи инсоф нест. Агар ин иллат, ки аз замони гузашта ба мо мерос мондааст, решакан карда нашавад, дар он сурат решаи чуқур пайдо карда, ба фаъолияти авлоди наврас низ таъсири манфӣ расонданаш мумкин аст. Аз ин рӯ ҳамин қабил иллатро бо беху бунаш бурида партофтан, дар ин бобат ба ҷавонон ёвару мададрасон шудан вазифаи аввалиндараҷаи мо, куҳансолон мебошад.

Сарвари давлатамон дар иҷлосия боз эътимоди калон доштани худро нисбати авлоди наврас, ҷавононамон баён карданд ва зикр намуданд, ки онҳо аз мо беҳтар, босаводтар, ва, албатта, хушбахт шуданашон лозим аст ва барои он фароҳам овардани кулли шароит вазифаву қарзи ҳар кадоми мо, алалхусус сарварон ба ҳисоб меравад.

Президентамон бори дигар диққату эътибори ҳамагонро ба оқилонаву сарфакорона истифода бурдани захираҳои табиӣ, обу замин ҷалб карданд. Дар ин бобат мисолҳои мушаххасро ба забон гирифта, тағйир додани муносибатро ба замин, об, захираҳои моддиву маънавӣ, сӯзишвориву барқ нигаронданд. Дар бобати сарфаву сариштаи об нақши калон бозидани тозакунии иншоотҳои обёрикуниро махсусан зикр намуданд.

Сарвари давлатамон бори дигар масъалаи тахассусониданро ба миён гузоштанд. Барҳам задани якказироатии пахтаро дар баъзе маҳалҳо ба забон гирифтанд. Ва ин масъала ба Қароқалпоқистон аҳамияти калон дорад. Чунки ин сарзамин қисмати шимолии Ӯзбекистон ба ҳисоб меравад ва дар баъзе маҳалҳо аз пахта ҳосили чашмдошт бардоштан мумкин нест. Вале дар ин маҳал чорво парво карда шавад, самарааш баланд мегардад. Ва дар ин бобат созмон додани хоҷагиҳои фермерӣ, аз нав барқарор кардани маҷмӯъҳои бурдоқикунӣ аҳамияти калон касб мекунад. Яъне, амволи хусусӣ, соҳибкории хурду миёна рушд ёбад, дар он сурат масъалаи бо шуғл фарогирии аҳолӣ ҳаллу фасли худро меёбад. Охир, дар Қароқалпоқистон беш аз 50 ҳазор нафар бекор будаанд. Ва дар дигар маҳалҳо низ миқдори бекорон кам несту ба вуҷуд овардани шабакаҳои амволи хусусӣ роҳи ягонаи дурусти бо шуғли доимӣ фаро гирондани онҳо мегардад.

Дар суханронии Президент бори дигар мақсади мо, сиёсати мо возеҳу равшан баён гардид. Ва он фаровонии аҳолӣ, пайваста баланд бардоштани сатҳи зиндагонии он мебошад. Дар ин бобат ташаббускорӣ, фидокорӣ ва аз ҳама муҳимаш, аҳливу ттифоқӣ нақши ҳалкунанда мебозад. Зеро маҳз ҳамин мафҳумҳо оғозу аввали накӯкориву муваффақиятҳоямон аст. Ва суханронии сарвари давлатамонро хонда, мани куҳансол барои худ ана ҳамин сабақро бардоштам ва боварӣ дорам, ки дигарон низ аз он хулосаи даркорӣ бардошта, ба фаъолияти худ бо назари танқидӣ муносибат мекунанду фикру мулоҳизаҳои сарвари давлатамонро барномаи амалиёти худ қарор медиҳанд.

**Неъмат АБДУЛЛОЕВ, собиқадори меҳнат аз шаҳри Тошканд.**

## Ғамхорӣ ба собиқадорон

Имрӯзҳо дар Комбинати маъдани кӯҳии Алмалиқ вохӯрии собиқадорони корхона, ки давраи пириро меронанду рӯзҳои гузаштаро ба ёд оварда, барои дар рӯҳи муҳаббат нисбати халқу Ватан тарбия намудани ҷавонон саҳми калон мегузоранд, бо авлоди наврас ба амал меоянд. Аз рӯи анъана дар ин ҷо ҳурмату эҳтироми он куҳансолоне ба ҷо оварда мешавад, ки солиёни дароз дар истеҳсолот араќи ҷабин рехта, аввалин бунёдкорони соҳаи саноати вазнини ҷумҳурият буданд.

Тантанаҳои асосӣ фардо дар «Майдони Хотира», ки дар он ҷо муҳити идона ҳукмфармоӣ мекунад, ба амал меояд. Ҷамоаҳои ҳаваскори санъати шаҳр ҳунари худро намоиш медиҳанд, ярмаркаи савдо гузаронда мешавад. Албатта, ба собиқадорони ҷангу меҳнат гулҳо ва тӯҳфаҳо супурда мешаванд.

**Маматака ТУРСУНАЛИЕВ, раиси шӯъбаи шаҳрии алмалиқии Бунёди ҷонибдории иҷтимоии собиқадорони «Нуроний».**

# Ба рӯи об баровардани иқтидори диёри қароқалпоқ, баланд бардоштани сатҳи зиндагонии одамон – вазифаи муҳим

**(Аввалаш дар саҳифаи 1.)**

Агар ба хотир оварем, ки ин суханон на маърӯзаи расмӣ, балки садои қалб буд, онро на ҳамчун сарвар аз Тошканд, балки ҳамчун намояндаи халқи қароқалпоқ ба забон гирифтам, зиёдатӣ намебуд.

Ҳарчанд ҳамаи ин даъватҳо ва саъю кӯшишҳо пурра дар амал татбиқ нагардида бошанд ҳам, вале дар як масъала мо ба натиҷаи муайян муваффақ гардидем.

Яъне имрӯз зарурат ба боз тавзеҳ додан, пешкаш кардани маълумотҳои иловагӣ оиди фоҷиаи Арал ба ҷомеаи ҷаҳонӣ пеш аз ҳама ба ташкилотҳои байналхалқӣ намондааст, ки бо фаъолияти башардӯстӣ машғул мегарданд.

Дар арсаи байналхалқӣ масъалаи мазкур ба рӯзномаҳо ҳамчун фоҷиаи калон ҳамчун муаммои душвори доираи ҷаҳонӣ шомил гардидааст.

Ҷомеаи ҷаҳонӣ, дар навбати аввал Созмони Милали Муттаҳид, ташкилотҳои байналхалқие, ки бо масъалаҳои экологӣ машғул мегарданд, оиди ҳаллу фасли муаммои мазкур ҷиддан машғул мегарданд. Ва он ҳамчунин комёбии мо ба ҳисоб меравад.

Барои мисол ҷустан ба дуродур рафтан ҳоҷат нест.

Аз он ҷумла сарвари Бонки умумиҷаҳонӣ, ки ба қарибӣ ба мамлакати мо омад, ҳамчунин дигар арбобони давлативу сиёсии хориҷа ба ҳавзаи Арал омада, бо вазъи ба амал омада дар ин ҷо муфассал ошно гардиданд. Вай ба он эътимод мебахшад, ки фардо дар ин масъала мо метавонем ба натиҷаҳои амалӣ умед бандем.

Имрӯз мо хуб дарк кардаем, ки бо об пур кардани ҳавзаи Арал вазифаи ниҳоят душвор мебошад. Вале имрӯз дар ин бобат вазифаи аз ҳама умдаву таъхирнопазир ин беҳдошти ҳаёти одамоне ки дар ҳудуди ҳавзаи Арал истиқомат менамоянд, пеш аз ҳама нигоҳ доштани тандурустӣ ва ҳазинаи ирсияти онҳо, ба рӯи об баровардани тадбирҳои амалӣ оиди беҳдошти вазъи иҷтимоӣ дар ин ҷо, ҷустуҷӯ намудани маблағу имкониятҳои зарурӣ ва сафарбар кардани онҳо барои амалӣ гардондани ин мақсадҳо мебошад.

Пеш аз ҳама мо ҳар кадомеро, ки худро шаҳрванди ҳақиқии мамлакат меҳисобад, даъват мекунем, ки онро ҳамчун вазифаи ӯҳдадории худ нисбати расондани кӯмак дар ҳаллу фасли чунин муаммоҳои умда аз қабили фароҳам овардани шароит барои модарон, бачагон ва куҳансолон, барқарор кардани мувозанати табиӣ, таъмини аҳолӣ бо оби ошомиданӣ ва гази табиӣ, корҳои ҳифзи кӯдакон аз маризиҳои мухталиф қабул фармоянд.

Мӯҳтарам вакилони халқ!

Ҳамаи шумоён хуб медонед, ки хушксолӣ, камобӣ дар бадали ду соли охир дар ҳудуди мамлакатамон, пеш аз ҳама дар минтақаи Қароқалпоқистон ва Хоразм , муаммоҳои дар ин ҷо мавҷударо боз ҳам шиддатнок гардонд. Дар ин ҷо зарур меояд махсусан зикр намоем, ки давлатамон, халқамон аҳолии ин минтақаҳоро бо ин офатҳои табиӣ яккаву танҳо намонд.

Барои сабук гардондани вазъи душвори ба вуҷуд омада, кам кардани таъсири оқибатҳои манфии он мо тадбирҳои заруриро сари вақт андешидем.

Соли гузашта аз ҷониби давлат ба буҷаи ҷумҳурияти Қароқалпоқистон ба андозаи зиёда аз 20 миллиард сӯм кӯмаки молиявӣ, дар асоси Қарори Девони Вазирон танҳо барои ба иҷро расондани корҳои обёрикунӣ 931 миллион сӯм ҷудо карда шуд.

Ба ҷуз ин ба минтақа ба сифати кӯмак вомҳо, грантҳо ва кӯмаки васоятгарӣ ба андозаи 25 миллион доллари ИМА-и Бонки байналхалқии таҷдид ва тараққиёт, Бонки рушди Осиё, мамлакатҳои ҷудогонаи хориҷа дода шуданд.

Аз ҳисоби ҳамаи ин маблағҳо 2900 чоҳ кофта шуда, сокинони беш аз 200 деҳа бо оби ошомиданӣ таъмин гардиданд.

Тобистони гузашта зиёда аз 15 ҳазор бачагони қароқалпоқистонӣ дар масканҳои солимгардонии бачагонаи вилоятҳои Тошканд, Фарғона ва Самарқанд истироҳат намуданд.

Дар санаторияҳои беҳтарин саломатии 3 ҳазор зан, 1150 собиқадорони меҳнат барқарор карда шуд.

Ба аҳолии минтақа, ки аз камобӣ зарар дидааст, ба сифати кӯмакпулии иловагӣ беш аз 180 миллион сӯм ҷудо карда шуд. Сокинон ва ташкилотҳо аз додани андози замин ба андозаи 866 миллион сӯм озод карда шуданд. 33 миллиард сӯм қарзи корхонаҳо ва ташкилотҳо аз ҳисоб соқит карда шуд.

Ба сифати кӯмаки хайрот вилоятҳо ва шаҳри Тошканд ба аҳолии минтақа воситаҳои техникӣ расонда, ҳар гуна кӯмаки беподошро расонданд.

Алқисса корҳои ба иҷро расида бори дигар сиёсати инсонпарваронаи давлати моро нишон медиҳад, ки яке аз сифатҳои беҳтарини халқи мо мебошаду барои бартараф сохтани душворӣи дилхоҳ якҷоя нигаронда шудааст.

Дӯстони азиз!

Акнун аз рӯи адолат бояд гуфт, ки ба вазъи душвору мураккаб нигоҳ накарда, чунин корҳои дар Қароқалпоқистон ба рӯи об баровварда шуда, иншоотҳо ва корхонаҳои замонавӣ, роҳҳо ва кӯпрукҳои бунёдгардида ва комёбиҳо дар ҳаёти рӯзмарра ба чӣ иқтидор молик будани минтақаи мазкурро нишон медиҳад.

Пеш аз ҳама ба истифода супурдани як қатор корхонаҳоро оиди истеҳсоли маҳсулот дар пойгоҳи аз навкоркарди ашёи хоми маҳаллӣ қайд карданиам, ки ба дигаргунсозиҳои назаррраси сохторӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурият боис гардид. Дар ин бора аз он ҷумла 12 фоиз афзудани ҳаҷми истеҳсоли молҳои истеъмоли халқ нисбати соли 2000 гувоҳӣ медиҳад.

Ин дигаргунсозии мусбиро мо дар мисоли ба вуҷуд овардани маҷмӯъҳои бофандагии «Элтекс», «Катекс», бисёр корхонаҳои замонавӣ аз қабили заводи шишаи Хоҷайлӣ, заводи азнавкоркарди мармари Нукус дида метавонем, ки солҳои охир ба истифода супурда шуданд.

Ба фикрам ба касе сир нест, ки дар тӯли бисёр солҳо масъалаи таъмини аҳолии минтақа бо оби софи ошомиданӣ муаммои умда буд.

Солҳои охир мо дар ин самт корҳои ҷиддиро ба иҷро расондем.

Дар ин ҷо ҷоиз аст кашидани хатти нақли оби «Тӯямӯин-Нукус»-и дарозиаш 243 километр ва «Нукус — Тахтакӯпир»-и дарозиаш 112 километрро махсусан зикр намоем.

Ба таъмини аҳолии Қароқалпоқистон бо гази табиӣ диққату эътибори ҷиддӣ нигаронда шуд. Гувоҳи равшани он ҳамин далел мебошад, ки 90 фоизи тамоми хонадонҳо бо гази табиӣ таъмин карда шудаанд.

Танҳо соли 2001 кашидани хатти нақли гази дарозиаш 200 километр, хатти нақли оби дарозиаш 206 километр нишон медиҳад, ки дар ин бобат корҳои зиёди мувофиқи мақсад ба иҷро расонда шуданд.

Дар соҳаи сохтмони асосӣ ба даст омадани комёбиҳо боз як зуҳуроти равшани дигаргунсозиҳо дар Қароқалпоқистон мебошад.

Соли гузашта ба истифода супурдани иншоотҳои арзиши умумиашон 58 миллиард сӯм боиси диққату эътибор аст, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта аз ҷиҳати суръат се баробар зиёд мебошад.

Ҷоиз аст зикр намоем, ки соли 2001-ум 342 ҳазор метри мураббаъ манзил, бинои 5 коллеҷи касбу ҳунари дорои 2850 ҷои таълим, хобгоҳи дорои 700 кат сохта шуда, 2 коллеҷи касбу ҳунар барои 1500 муҳассил таҷдиду бо таҷҳизоти замонавӣ таъмин гардидаанд.

Баробари ин маркази скрининги ҳавзаи Арал, бахши нукусии пажӯҳишгоҳи илмиву тадқиқотии акушерӣ ва гинекологӣ, бахшҳои Маркази илмии кӯмаки оҷилии тиббӣ дар шаҳри Нукус ва ноҳияҳо, як қатор муассисҳои тиббии деҳот созмон дода шуданд. Ҳамаи он бешак дар бобати суст гардондани оқибатҳои манфии экология, беҳдошти сатҳи зиндагонии аҳолии минтақа аҳамияти муҳим касб менамояд.

Ба тариқи мисол бисёр иншоотҳо ва обектҳоеро овардан мумкин аст, ки солҳои охир ба мақсади беҳтар кардани ҳаёти аҳолӣ сохта шудаанд.

Аз он ҷумла дар бораи кӯпруки калони Нукус — Хоҷайлӣ, ки дар болои Амударё сохта шудаасту шароити мусоидро барои сокинони маҳаллӣ фароҳам овардааст, ҳарф задан мумкин аст.

Ман диққату эътиборро ба дар фурсати кӯтоҳ ба анҷом расондани сохтмони роҳи оҳани Учқудуқ-Султон-Увайстоғ-Мискини дарозиаш 345 километр ҷалб сохтаниам, ки на танҳо ба иқтисодиёт, ҳамчунин дар бобати стратегие барои мо аҳамияти муҳим касб менамояд.

Роҳи мазкур, ки аз ҳудуди мамлакати мо убур мекунад, имконият дод, ки соли гузашта 25 миллион доллари ИМА-ро сарфа намоем.

Дар маҷмӯи якҷоягӣ бо роҳи оҳан дар Мискин,Тӯрткӯл ва Элликқалъа вокзалҳои нав сохта шуданд. Вокзали Нукус пурра таҷдид гардид. Дар Қароӯзак ва Берунӣ бинои вокзалҳои нав сохта мешаванд.

Он чиз боиси хушнудист, ки баъди ба истифода супурдани роҳи оҳан қариб 1000 нафар ҷавонписарону духтарони қароқалпоқистонӣ бо кор таъмин гаштанд.

Ва он чиз муҳим аст, ки роҳи мазкури оҳан барои азхудкунии сарватҳои табиии диёри қароқалпоқ, истифода бурдани онҳо дар навбати аввал баҳри манфиатҳои одамоне хизмат мекунад, ки дар ин ҷо ҳаёт ба сар мебаранд.

Ба шарофати ба истифода супурдани конҳои гази Урга ва Шохпахта мо танҳо соли 2001-ум 1 миллиарду 558 миллион метри мукааб гази табиӣ, 12 ҳазору 600 тонна конденсати газро истихроҷ намудем.

Бояд дар ин бобат ҳарф зад, ки дарояндани наздик 5 кони дорои захираҳои 16 миллиарду 200 миллион метри мукааб газ ва қариб 3 миллион тонна конденсати газ ба истифода супурда мешаванд.

Захираҳои пурарзиши ашёи хоми Устюрт дилпуриро ба рӯзи ояндаи ин минтақа қавӣ мегардонад. Тасдиқи он дар Устюрт сохтани заводи содаи Қӯнғирот мебошад, ки арзиши он қариб 100 миллион доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

Маҷмӯи мазкури бузург, ки яке аз лоиҳаҳои калонтарин дар ҷумҳурият ба ҳисоб меравад барои саноати тамоми мамлакатамон аҳамияти муҳим касб менамояд.

Ба ҳамин муносибат мехостам зикр намоям, ки ба қарибӣ аҳду паймон дар бораи ба сохтмони заводи мазкур ҷалб сохтани воми бонки саноативу тиҷоратии Чин дар ҳаҷми зиёда аз 32 миллион доллари ИМА ҳосил гардид.

Иқтидорҳои истеҳсолии заводи мазкур на танҳо талаботи мамлакати моро пурра қонеъ мегардонад, балки шароити васеъро барои содироти маҳсулоти кимёи ба рақобат тобовар фароҳам меоварад.

Дӯстони мӯҳтарам!

Агар мо вазъи кунунии Қароқалпоқистонро танҳо бо мисолҳои мусбӣ арзёбӣ намоем, дар он сурат вай муносибати якҷониба гуфтан агар лозим бошад — сарсарӣ мебуд.

Имрӯз мо бо шумоён на танҳо комёбиҳои ба даст омадаро бояд мушаххасан эътироф намоем, балки ба камбудиҳои роҳ додашуда назари танқидӣ низ афканем.

Вақте ки сухан дар бораи танқид меравад, мақсади мо паст кардани ким кӣ, паст задани обрӯи он, гуфтани хатогиҳо ва камбудиҳо не, балки баръакс бо номи худ номбар кардани ҳар кадоми он, ошкор сохтан ва таҳлил намудани сабабҳои камбудиҳо, то бо решаи онҳо рафта расидан ва пурра маҳв кардани он мебошад.

Ба ҳамин муносибат диққату эътибори шумоёнро ба як масъала ҷалб карданиам.

Вақтҳои охир дар мо як одати аҷиб ҳукм меронад. Ҳамаи камбудиҳоро ба гардани табиат, офатҳо бор мекунем. Баъзе роҳбарон ба он ҳатто одат кардаанд, ки дар ҳар қадам танҳо офатро ба забон мегиранд ва ба он такя мекунанд.

Оид ба ин масъала фикру ақидаи хоссаи ман ҳаст. Бо ҳамин васила худро сафед кардан ин усули одамони суст, ғайрисалоҳиятнок аст, дар кори худ роҳ гузоштан бо дараҷаи пасти қобилияти ташкилотчигӣ мебошад.

Бигузор тамоми роҳбарон қатъан фикр кунанд. Мо бояд ба чунин нуқтаи назар зарбаи қатъӣ занем.

Агар мо имрӯз бо он муросо кунем мунтазам ба мусоҳилакорӣ роҳ гузорем, дар он сурат он фардо оқибатҳои ниҳоят вазнин овардаанаш муқаррар аст.

Аз ин нуқтаи назар ба комёбиҳои муайяне ки дар иқтисодиёти Қароқалпоқистон ба даст омадаанд, нигоҳ накарда зарур аст қайд намоем, ки дар ин ҷо бисёр муаммоҳо дар масъалаҳои шуғли аҳолӣ, беҳдошти шароити ҳаёти онҳо ҷой доранд.

Имрӯз қариб 50 ҳазор нафар одамон бо кор таъмин карда нашудаанд ва он мебояд ҳамаи моро ба ташвишу изтироб оварад.

Аз сабаби ғайрисалоҳиятнокӣ ва бефарқии роҳбарони масъул қисми зиёди корхонаҳои саноатӣ фаъолияти худро мувофиқи талаби иқтисоди бозаргонӣ ба роҳ намондаанд.

Бар асари ин 40 фоизи корхонаҳо суръати истеҳсолотро паст кардаанд.

Дар корхонаҳои ноҳияҳои Элликқалъа, Қароӯзак ва Кегайли вазъият махсусан душвор мебошад. Худатон бигӯед магар он оқибати бефарқӣ ба кор нест, ки дар анборҳои ин корхонаҳо маҳсулот беш аз 1 миллиард сӯм беҳуда хоб рафтааст?

Он чиз бад аст, ки дар бадали соли 2001 ҳаҷми маҳсулоти ба фурӯш нарафта нисбати ҳамин давраи соли гузашта 10 фоиз афзудааст.

Дар Қароқалпоқистон, ҳамчунин кор бо шарикони хориҷӣ, ҷалб сохтани сармояҳои хориҷӣ, вусъати фаъолияти корхонаҳои муштарак ба назар намерасад.

Баракс бисёр ҳолатҳои аз даст рафтани имкониятҳои мавҷуда мебошанд. Дар ин бора ҳамин вазъият гувоҳӣ медиҳад, ки аз 20 корхонаи муштараки мавҷуда бо сабабҳои мухталиф 10-тоашон фаъолияти худро боздоштаанд.

Монеаи асосӣ дар роҳи ислоҳоти иқтисодӣ ҳамин мегардад, ки бисёр корхонаҳо шаклан шакли моликияти худро тағйир додаанду дар амал чун пештара фаъолият пеш мебаранд.

Ба диққату эътибори зарурие ки дар мамлакат ба рушди соҳибкории хурду миёна дода мешавад, дар Қароқалпоқистон ба ин масъала яктарафа ва сарсарӣ муносибат мекунанд.

Дар айни замон давлати мо ба рушди соҳибкории хурду миёна дар Қароқалпоқистон, бо ҳамин роҳ ба беҳдошти сатҳи зиндагонӣ ва таъминоти моддии аҳолӣ диққату эътибори доимӣ медиҳад.

Соли 2001 ба рушди ин соҳа 6 миллиард сӯм вом ҷудо карда шуд. Ин нисбати парерсол 58 фоиз зиёд мебошад.

Имрӯзҳо таъсири мусбии ин кӯмак назаррас аст. Масалан, соли гузашта миқдори коркунандагон дар корхонаҳои соҳибкории хурду миёна ба 18 фоиз афзуд.

Танҳо дар ноҳияи Тӯрткӯл шумораи тадбиргарон ду баробар зиёд гардида, ба истеҳсолот 3600 ҷавонписарон ва духтарон ҷалб карда шуданд.

Ба рушди тадбиргарӣ дар ноҳияҳои Бӯзатов, Кегайлӣ, Элликқалъа шароити мусоид фароҳам оварда мешавад.

Вале агар дар доираи ҷумҳурият дар ин бобат ҳарф занем мо маҷбур ҳастем нопурраву ноoқилона истифода бурдани имкониятҳоеро қайд намоем, ки барои рушди соҳибкории хурду миёна фароҳам оварда шудаанд.

Манзараи мазкурро ҳамин тасдиқ мекунад, ки 10 фоизи то 1 январи соли 2002 номнависгардидаи корхонаҳои хурд ва фирмаҳои хурд кор намекунанд, онҳо танҳо дар рӯи қоғаз амал менамоянд.

Ба ҳамагон хуб аён аст, ки асоси иқтисодиёти Қароқалпоқистонро кишоварзӣ ташкил менамояд. Ба фикрам бигӯем, ки минтақаи мазкур, ки ҳудуди шимолии мамлакатамон ба ҳисоб меравад, зироаткорӣ меҳнати зиёдеро тақозо дорад, беҳуда намебуд.

Дар Қароқалпоқистон бисёр одамони тадбиргаре ҳастанд, ки асрори зироаткориро амиқан азбар карда, бо меҳнати худ соҳиби обрӯву эътибори калон шудаанд.

Масалан меҳнаткашони тахтакӯпирӣ дар шароити ниҳоят мураккаб ҳосили накшавиро ба даст меоваранд. Ин аз ҳамин гувоҳӣ медиҳад, ки агар деҳқонон тамоми имкониятҳояшонро ба кор сафарбар намоянд, дар вазъияти дилхоҳ ҳосили фаровонро ба даст меоваранд.

Барои мисол агрохоҷагии «Қароқалпоқистон»-ро гирем, ки дар шафати Нукус ҷойгир аст.

Дар гармхонаҳои он бо усули обёрикунии чакрагӣ ба даст овардани нозу неъмате, ки на танҳо дар ҳавзаи Арал, балки дар бозорҳои Тошканд низ истеъмолгарони зиёдро дорад, дили ҳар касро ба тасхир меоварад.

Дар мисолҳои мазкур ба он эътимод ҳосил кардан мумкин аст, ки ҳаллу фасли тамоми муаммоҳо ба ташкили дурусти меҳнат, босамар истифода бурдани захираҳои замин ва об алоқаманд мебошад.

Вале агар қоидаҳои агротехникӣ риоя карда нашаванд, об ба сарфа истифода нагардад, шабакаҳои обёрӣ сари вақт тоза карда нашаванд, шӯри замин шуста нашавад, аз замин ҳосили дилхоҳро чашмдор будан магар мумкин аст? Ба ҳамин маъно ба ақли касе намеғунҷад, ки соли гузашта танҳо 20 фоизи шабакаҳои обёрӣ тоза карда шудаанд.

Худатон як фикр кунед. Магар дар чунин шароити дараҷаи баланди шӯрнокии замин нисбати обёрикунӣ, умуман нисбати талаботи агротехникӣ чунин сарсарӣ назар кардан оё мумкин аст.

Ва худ тасаввур мекунем, ки барои корҳои шустани шӯри замин баҳору зимистон дар вилояти ҳамсояи Хоразм ба ҳар гектар замин ба ҳисоби миёна 1900 метри мукааб об сарф карда мешаваду дар Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон ин нишондиҳанда ба 3600 метри мукааб баробар аст.

Соли гузашта ба душвориҳои мавҷуда нигоҳ накарда, ба Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон нуриҳои минералӣ ба миқдори зарурӣ расонда шудаанд. Вале дар натиҷаи хатогиҳои нигоҳ доштан ва истифодабарии он қисми зиёди нуриҳои минералӣ талаф шуданд ва ё несту нобуд гардиданд.

Худатон қазоват кунед, ин далелро чӣ тавр арзёбӣ кардан мумкин аст, ки дар ноҳияи Нукус нуриҳои маъданӣ дар ҳавои кушод нигоҳ дошта шудаанд ва аз сабаби боришҳо онҳо ғайриқобили истифода гардидаанд? Ин хоҷагидории ноoқилонаро бо чӣ сафед кардан мумкин аст?

Дӯстони азиз!

Ба ҳар яки мо хуб маълум аст, ки манбаи фаровонии мо ана ҳамин замин мебошад, ки дастархони фаровони халқамон, шукуфонии онро таъмин месозанд. Ва инсоне ки ҳосили фаровон рӯёндаасту дар ин бобат намунаи ибрат мебошад ҳамеша ба иззату икром мансуб аст.

Ғайриқонунӣ ихтиёрдорӣ кардани замин ва ғайриқонунӣ истифодабарии он ба ғайр аз таҳдид ба ҳуқуқи дигарон дигар маъниро надорад.

Мутаассифона дар Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон ҳамин қабил суиистеъмол ҷой дорад.

Инро чӣ тавр арзёбӣ кардан мумкин аст.

Ба ҳисобот на ҳамаи майдонҳои кишт дар хоҷагии «Нукус»-и ноҳияи Нукус, хоҷагиҳои «Қароқалпоқистон» ва «Ҷамбул»-и ноҳияи Хоҷайлӣ, «Ғалаба»-и ноҳияи Элликқалъа дохил карда шудаанд.

Тафтиши кишти ғаллаи тирамоҳии соли 2001 нишон дод, ки як қисми онҳо аз ҳисобот нигоҳ дошта, дар баъзе мавридҳо ба таври изофа навишта шудаанд.

Чунин ҳолатҳо ба хоҷагиҳои «Тӯрткӯл»-и ноҳияи Бӯзатов, «Жанадарё», «Довгара»-и ноҳияи Тахтакӯпир, ба номи Сиитови ноҳияи Чимбой, «Қоратов»-и ноҳияи Кегейли, хоҷагии ёрирасони раёсати ҷумҳурии таъмиру сохтмони роҳ хосанд.

Ин қабил мисолҳоро бисёр овардан мумкин аст.

Соли 2001 дар Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон 10 пункти духтурии деҳот, ки сохтмонашон оғоз ёфта буданд, ба истифода супурда нашуданд. Аз 16 маркази кӯмаки оҷилии тиббӣ 8-тоаш ба тармим мӯҳтоҷанд. Онҳо ҳамагӣ ба андозаи 50 фоиз бо мошинҳо таъмин карда шуданд ва он аз қафомонии ислоҳот дар соҳаи тиб гувоҳӣ медиҳад.

Мутаасстфона ҳамин қабил муаммоҳо дар низоми таълим мавҷуданд.

Дар 85 фоизи 764 мактаби миёнаи ҷумҳурият бачагон дар ду баст таълим мегиранд, қариб 3 ҳазор нафар хонандагон маҷбур ҳастанд, ки барои таҳсил ба мактаб ба басти сеюм оянд.

Шумоён ба литсеву коллеҷҳои нав диққату эътибори калон медиҳед. Ба мактабҳои маълумоти ҳамагонӣ, беҳдошти заминаи моддиву техникии онҳо, ба вазъи омӯзгорон диққату эътибор суст гардидааст.

Кор дар ҳамин мебошад, ки масъалаи мазкур ҳам бояд дар маркази диққату эътибори доимӣ қарор гирад. Имрӯз мо дар амал меваҳои аввалини ислоҳотеро мечашем, ки солҳои охир дар соҳаи таълим ва тарбия амалӣ гардонда мешаванд.

Як назар афканем. Имрӯз чӣ қадар бачагони иқтидорнок, қобилиятнок, бо ақлу фаросат ба камол мерасанд.

Албатта дар ин масъала қабули барномаву нақшаҳо маблағҳои ҷудогардида аҳамияти калон касб менамояд. Агар мо бигӯем, ки кори асосиро дар ин самт ҳазорон омӯзгорон, педагогҳо ва мураббиёни меҳнатдӯст, ватанпарварони ҳақиқии кори худ ба иҷро мерасонанд, дар он сурат он ҳақиқат мебуд.

Аз ҳамин сабаб мо бояд ба масъалаҳои беҳдошти таъминоти моддии мактабҳои маълумоти ҳамагонӣ, фароҳам овардани шароити ҳамаҷонибаи кори омӯзгорони он, баланд бардоштани обрӯву эътибори омӯзгорон диққату эътибори махсусро нигаронем.

Камбудиву хатогиҳои роҳ додашуда дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти Қароқалпоқистон бояд ҳар яки моро ба ҳушёрӣ даъват созад, хулосаҳои даркориро бардорем ва тадбирҳоро оид ба ислоҳсозии камбудиҳо андешем.

Мӯҳтарам вакилони халқ!

**Имрӯз масъалаҳои алоқаманди фардои Қароқалпоқистонро муҳокима намуда, ман зарур меҳисобам, ки ҳамчун вазифаи устувор ба чунин масъалаҳои пурсамар гардидани ислоҳот, баланд бардоштани иқтисодиёт ва беҳдошти ҳаёти аҳолӣ муносибат кунем.**

**Аввало,** шароити душвори иқлими Қароқалпоқистон, махсусан камобии онро ба назар гирифта, ба масъалаҳои интихоби кишти зироати кишоварзие, ки оби камро талаб менамояд, татбиқи технологияи сарфакунии об, оқилона истифода бурдани захираҳои мавҷудаи об, ҳамчунин интенсификатсияи корҳои обёрикунӣ, тозакунии захбурҳои дохила ва байнихоҷагӣ, шабакаҳои обёрӣ диққату эътибори махсусро нигаронем.

**Дуюм,** бо назардошти таҷрибаи бои аҳолӣ дар соҳаи чорводорӣ барҳам задани хоҷагиҳои аз нигоҳи иқтисодӣ ночору таъминоташон бо об душвор ва дар заминаи онҳо созмон додани хоҷагиҳои фермерие, ки ба чорводорӣ тахассусонида мешаванд, аз нав барқарор кардани маҷмӯъҳои бӯрдоқикунӣ, барои онҳо фароҳам овардани заминаи мустаҳками хӯрокӣ мувофиқи мақсад мебуд.

**Сеюм,** дар ҳамаи ҳудуди ҷумҳурият созмон додани корхонаҳо оиди амиқан аз нав коркарди маҳсулоти чорводорӣ ва зироаткориро пешбинӣ кардан лозим. Ба фикрам агар зарур шавад имтиёзоти иловагӣ ба намояндагони соҳибкории хурду миёна пешкаш карда шавад, ки дар ин самт фаъолият пеш бурданианд.

**Чорум,** ба мақсади рушди соҳаҳои саноат, айёми ҷиддан машғул гардидан бо ташкили корхонаҳои нави муштарак бо сармояҳои хориҷӣ фаро расидааст, ки дар пойгоҳи ашёи хоми маҳаллӣ кор мекунанд.

**Панҷум,** бо назардошти барномаи мавҷуда оиди дар ҷумҳурият мавҷуд будани сарватҳои табиӣ ва созмон додани корхонаҳои нави тахассусонида оид ба аз нав коркарди онҳо ҳоли ҳозир зарур аст, ки ба тайёркунии мутахассисони баландмалака шурӯъ карда шаванд.

**Шашум,** қад-қади роҳи оҳани Учқудуқ-Султон-Увайстоғ-Мискин шабакаҳои серсоҳаи хизматрасонӣ ташкил карда шавад, ки асоси онро дар навбати аввал бояд амволи хусусӣ ташкил диҳад.

Ин бешак барои ба вуҷуд овардани инфрасохтори даҳлдор хизмат расонда ҳазорҳо коргоҳи навро ба вуҷуд оварда, фаъолияти тадбиргариро рушд мебахшад.

**Ҳафтум,** барои раҳо ёфтан аз вазъияти ба амал омада дар ҷумҳурият зарур аст дар навбати аввал ҷавонони қобилиятноку ташаббускор ҷонибдорӣ карда, кор бо кадрҳо такмил дода, захираҳои онҳо мунтазам пур карда шаванд.

Ба фикрам ин таклифу мулоҳизаҳоеро, ки аз нигоҳи танқидона баён шудаанд, ба назар гирифта дасти якдигарро гирифта аҳлона аз паи кор мешавем ва бо ҳамин васила дар ҳамаи соҳаҳо тағйиротҳои куллиро ба даст оварда метавонем.

Ҳамватанони азиз!

Дар бораи комёбиҳоямон, ҳамчунин камбудиҳои роҳ додашуда бисёр ҳарф задан мумкин аст.

Ба он нигоҳ накарда, ки душвориҳо ва муаммоҳо ҷой доранд, ҳаёт давом дорад. Ба арсаи амалиёт авлоди наврас мебарояд. Ин авлод бояд пурқувват, соҳибмаълумот ва албатта нисбати мо бояд хушбахттар бошад.

Мо бояд то ба шуури ҷавононе, ки эътимоду такягоҳи мо мебошад, чунин сифатҳои неки инсонгарӣ, аз қабили аҳлоқи ҳамида, ҳалолӣ, мардонагӣ, саъю кӯшиши фидокорона хизмат кардан ба ин Ватанро ҷойгир созем.

Бо хушу хурсандии махсус дар ин бобат ҳарф заданиам, ки чун дар саросари мамлакат дар Қароқалпоқистон ҳам ҳазорон чунин ҷавонписарону духтарони иқтидорноку фидокор ба камол мерасанд.

Чунин ҷавонон дар истеҳсолот, дар тадбиргарӣ, дар ҳаёти ҷамъиятӣ, илм, санъат ва фарҳанг худро намоиш медиҳад ва сафарбар мекунад.

Шахсан ба ман санъати нотакрору ба худ хоси халқи қароқалпоқ маъқул мебошад.

Дар иду тантанаи дилхоҳ шахсе ки маҳорати ҷавонписарону духтарони қароқалпоқро мебинад, овози маҳини онҳо мешунавад, беихтиёр рӯҳбаландиро ҳис мекунад, ташвишу изтироби худро фаромӯш месозад.

Ба ҳамин муносибат ман як воқеаи ба қарибӣ рух додаро ба хотир овар даниам.

Бисёрии мо шояд тавассути телевизион аз ҷониби ҳунарманди қароқалпоқистонӣ Кенезбой Серҷанов иҷро гардидани арияро аз операи «Пояси» дар маросими мутантан бахшида дар пойтахтамон дар Тошканд кушода шудани бинои нави Консерваторияи давлатии Ӯзбекистон шунидаем.

Овози ширадори ин ҳунарвар, ки фарзанди халқи қароқалпоқ мебошад, на танҳо мо, балки ҳозиронро дар ин тантанаҳо, намояндагони даҳҳо мамлакатҳои хориҷӣ ба тасхир оварду қалби моро аз фахру ғурур саршортар гардонд.

Ман ба сарварони даҳлдор супориш додам, ки соҳиби чунин овози нодирро ба пойтахт ба Театри Калони академии ба номи Алишери Навоӣ ба кор даъват карда, бо манзил таъмин кунанд, барои эҷодиёти пурсамараш шароитро фароҳам оваранд.

Ман мехостам, то ки ин ҳунарвари моҳир қобилияташро, ки оллоҳ ба ӯ додааст, пурра намоиш диҳад, на танҳо дар Ӯзбекистон, балки дар саросари ҷаҳон машҳур гардида, халқи қароқалпоқро дар саросари ҷаҳон номвар гардонад.

Ба ҳамин маънӣ агар бигӯям, ки фахру ғурури тамоми Ӯзбекистон одамони қобилиятноки дар сарзамини қароқалпоқ дида ба дунё кушода ва ба камол расида аз қабили соҳиби истеъдоди бузург Муяссар Раззоқова, соҳиби ҷоми ҷаҳон аз рӯи вазнабардорӣ Бовурҷон Қаздаев, қаҳрамони секаратаи ҷаҳон аз рӯи тай-бокс Еркин Қутибоев, қаҳрамони ҷаҳон аз рӯи гӯштини миллӣ Баҳром Ерматов, ғолиби бисёр озмунҳои ба обрӯи байналхалқии санъат Элонора Қутлипӯлодова, Анифа Ортиқова, Зиёда Шарипова мебошанд, ягон муболиға намебуд.

Халқи Қароқалпоқистон, ки дар душвориҳои дилхоҳ ба сарзамини худ садоқатманд аст, онро дӯст медорад, фидокорона меҳнат мекунад, ҷавонписарон ва духтарони боистеъдодро ба камол мерасонад, ба ҳамду санои дилхоҳ муносиб мебошад.

Мӯҳтарам дӯстон!

Акнун ба масъалаи асосие, ки ба рӯзномаи имрӯзаи иҷлосияи Жокарги Кенгес дохил карда шудааст, бармегардем.

Ба ҳамаи шумоён маълум аст, ки дар бадали чанд соли охир ҳамчун сарвари аввали ҷумҳурият Темур Камолов кор кард.

Ба қарибӣ вай бо ариза дар хусуси озод гардиданаш аз ин вазифа муроҷиат намуд.

Имрӯз ба ҳамаи мо лозим меояд, ки якҷоя бо шумоён аризаи Камоловро баррасӣ намоем ва муносибати худро ба он баён созем.

Дар бораи Камолов ҳарф зада, гуфтан лозим аст, ки вай сарвари Қароқалпоқистон соли 1997 интихоб гардид. Аз рӯи қобилияти худ кор карда, ба рушди ҷумҳурият саҳми худро гузошт.

Ба фикрам дар ин бора вакилони халқи Жокарги Кенгес фикру мулоҳизаҳои худро баён месозанд.

Акнун дар бораи номзад ба вазифаи раиси Жокарги Кенгеси Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон ҳарф мезанем. Бо оқсақолон, фаъолони ин ҷо, намояндагони аҳли ҷамъият маслиҳат карда, мо ба ин вазифа Ерниёзов Мӯсо Тоҷиддиновичро тавсия менамоем, ки то ҳол ҷонишини Раиси Шӯрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон шуда кор мекард.

Шумоён ӯро ҳамчун сарвари пурдону соҳибтаҷриба мешиносед. Ба фикрам сарвари мазкур соҳиби иқтидор, қувва ва ғайрати зарурӣ барои амиқ гардондани ислоҳот дар ҷумҳурият, иҷрои вазифаҳои рӯзмарра молик мебошад.

Вакилони халқи Жокарги Кенгес бояд ба ин масъала муносибати худро баён созанд.

Ҳамватанони азиз!

Вазифаи асосии мо, саъю кӯшиши имрӯзаи мо иборат аз ҳамин аст, то ки барои халқ, дар навбати аввал, барои беҳдошти ҳаёти одамоне, ки дар ҳавзаи Арал истиқомат мекунанд, шароити сазоворонаро фароҳам овардан, амалӣ гардондани дигаргунсозиҳои доманадор дар ин самт мебошад.

Бо дилпурии калон мегӯям, ки имрӯз мо якҷоя бо шумоён намояндагони аҳли ҷамъияти мӯҳтарам тамоми корро ба ҷо меоварем, то ки мувозанати табииро дар минтақа барқарор кунем, шароити зиндагонии одамонро ба тарафи беҳтарӣ тағйир диҳем.

Имрӯз мамлакати мо дар арафаи тағйиротҳои бузург мебошад. Он чизро набояд фаромӯш кард, ки халқи қароқалпоқ ҳамеша яке аз такягоҳи боэътимоди мо ба ҳисоб меравад ва мо бо боварии калон ба иқтидори шумоён муносибат кардем ва муносибат мекунем.

Бори дигар эҳтироми калонамро нисбати шумоён ва дар шахсияти шумоён ба тамоми халқи қароқалпоқ баён сохта, аз оллоҳ мепурсам, ки ҳамаи моро аз чашмони бад, офатҳо нигаҳ дорад. Бигузор ҳосиламон фаровон гардад, ҳамеша моломолӣ ва хушвақтӣ дар маъвоямон ҳукм фармояд.

Ба ҳамаатон тансиҳҳатӣ, хушбахтӣ, комёбиҳоро дар фаъолиятатон таманно дорам.

# Шайдой чӣ меомӯзад?

***Докторанти Донишгоҳи мутолиоти забонҳои хориҷии Токио Шимада ШИЗУО, ки дӯстони бухориаш ӯро бо навозиш «Шайдой» номгузорӣ кардаанд, аз соли 1994 инҷониб борҳо ба Ӯзбекистон омадааст ва ҳоло дар Тошканд бештар аз ду сол аст, ки дар Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Навоии Фарҳангистони улум бозомӯзӣ мекунад.***



**— Дар тӯли ин ду соли охир, ки дар Ӯзбекистон будед, бештар аз кадом мавзӯъ ва муассисот мавод ҷамъ кардед, ки барои рисолаи доктории шумо заруранд?** — пурсидам дар аввали сӯҳбат аз Шайдой.

— Ин ки панҷумин сафари ман ба Ӯзбекистон мебошад, бароям хеле муфид буд ва дар хазинаи китобҳои Пажуҳишгоҳи ховаршиносии ба номи Берунии Ӯзбекистон бисёр маводи бароям заруррро аз худ намудам ва барои рисолаи доктории худ, ки «Ҷадидияи Бухоро» ном дорад, фикр мекунам, кофист ва аз ин рӯ чанд рӯз баъд ба ватан бо хазинаи бебаҳо бармегардам. Рисолаи аввалаи ман, ки онро кори дипломии магистрӣ ҳам номидан мумкин, «Муҳити адабии Бухоро дар охири асри XIX ва аввали асри XX» (дар асоси асари «Ёддоштҳо»-и устод Садриддин Айнӣ) унвон дошт, инчунин ба ин давр ва мавзӯъ мутааллиқ аст.

**— То ҳанӯз аз он маводе, ки дар Ӯзбекистон ба даст овардед, барои дигар нашрияву китобҳо истифода кардед ё на?**

— Бале, фикр мекунам, баъзе матолибе, ки дар китобу маҷаллаҳои Ҷопон чоп кардам, маҳз маҳсули омӯзиши ман дар Ӯзбекистон буд. Фаразан, дар нашри китоби «Энсиклопедияи миллатҳо» боби тоҷикон ва эрониҳои Осиёи Марказиро ба ӯҳдаи ман гузошта буданд. Саҳифае, ки аз миллати ӯзбек нақл мекунад, хонуми Обия Чико навиштааст, ки собиқ дар сафоратхонаи Ҷопон дар Ӯзбекистон адои вазифа кардааст. Дар маҷаллаи «Тадқиқотҳои таърихи Осиёи Марказӣ» ба китоби «Абдулвоҳиди Мунзим» (чопи Душанбе) ба ҷопонӣ тақриз навиштам. Як порае аз «Ёддоштҳо»-и устод Айниро ба ҷопонӣ тарҷима карда, дар маҷаллаи «Тадқиқоти забону маданият» ба нашр расондам. Таҳияи «Феҳрасти асарҳои марбути забоншиносии эронӣ дар Осиёи Марказӣ»-ро ҳам омода намуда, онро дар маҷаллаи аспирантҳои Ҷопон нашр кардам. Чанде дигар мақолаҳоям аз хусуси Қонуни забони давлатии Тоҷикистон, дар бораи навъҳои оши палав низ дар воситаҳои ахбор рӯи чопро диданд. Дар Ҷопон нашрияе ҳаст, ки он «Сад шаҳри ҷаҳон» ном дорад ва яке аз онҳо ба шаҳрҳои Ӯзбекистон бахшида хоҳад шуд.

Дар заминаи воситаҳои ахбори собиқ низ кореро анҷом додам, ки ба таври мисол метавон аз маҷаллаи «Оина» (с. 1913-1914) ёд кард, ки феҳрасти онро таҳия карда, дар кишвари худ ба чоп расондам.

**— Барои докторанти сивуяксола ин қадар корро анҷом додан мушкил нест? Дар ин корҳо бароятон кӯмак мерасад ё на?**

— Вазорати илм ва тарбияи Ҷопон маро ба ин ҷо фиристодааст ва ҳамин вазорат маро бо стипендия таъмин мекунад, инчунин аз хонаводаамон кӯмаки моддӣ мерасад. Гузашта аз ин донистани забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ ва русӣ бароям заминаи хуби омӯзиш ва муоширатро муҳайё намудааст. Донистани ин забонҳо барои ман хеле дархуранд ва манбаъҳо низ азбаски ба ин забонҳо офарида шудааст, аз онҳо баҳра бурдани ман хеле содда мебошад.

**Сӯҳбатоpо Тоҷибой ИКРОМОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# Луғати истилоҳоти ҳуқуқшиносӣ

Ба қарибӣ Нашриёти «Адолат»-и Вазорати адлияи ҷумҳурият китоби наверо таҳти унвони «Луғати истилоҳоти ҳуқуқшиносии русиву ӯзбекӣ» аз чоп баровард. Китоб 20 ҷузъи чопӣ буда, беш аз панҷ ҳазор истилоҳотро дарбар гирифтаасту муаллифонаш доктори илми ҳуқуқшиносӣ, профессор марҳум Ғ.Аҳмедов ва ҷонишини раиси Кумитаи истилоҳотшиносии назди Девони Вазирон, номзади илми филология Х.Бектемиров мебошанд. Ва луғати мазкур дар натиҷаи ҳамкории Комиссияи истилоҳоти меъёриву ҳуқуқии Олий Маҷлис, Кумитаи истилоҳотшиносии назди Девони Вазирон ва Пажӯҳишгоҳи фалсафаву ҳуқуқи ба номи Й.Мӯъминов таҳия гардида, аз ташхис гузашта, ба чоп тавсия гардидаасту аз луғатҳои пештараи ҳамин соҳа ҳам бо мазмуну ҳам тарзи таҳияаш ба куллӣ фарқ мекунад. Аз он ҷумла, аз луғат ислоҳоте ҷо пайдо кардааст, ки дар шароити гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ мавриди истеъмол қарор гирифтаанд. Баробари ин тарҷумаи истилоҳоти ҳуқуқшиносӣ ба забони ӯзбекӣ ҳам бо ҳарфҳои кириллӣ ва ҳам лотинӣ оварда шудаанд, ки имконияти аз он ҳамагон баҳра бурданро фароҳам меоварад. Азбаски баъзе истилоҳот аз дигар забонҳо гирифта шудаанд, маънои онҳо шарҳ дода шудаанд ва он бешак, барои хуб дарк кардани мазмунашон мусоидат мекунад. Мазмуни мухтасари этимологии калимаҳо ҳам дода шудааст, ки он ба хонанда имкон медиҳад, ки аз паи дарёфти дигар манбаъҳо нагардад ва аз иловаи луғат ба тамоми саволҳояш ҷавоб дармеёбад. Ва луғати мазкур, вақте ки дар ҷамъиятамон маданияти ҳуқуқи торафт баланд мегардад, барои баланд гардидани дониши ҳуқуқии шаҳрвандон кӯмаки калон хоҳад расонд.

# Боз як меҳмонхонаи замонавӣ

Тошканд на танҳо дар мамлакатамон, балки дар саросари Осиёи Марказӣ шаҳри азиме аз нигоҳи иқтисодӣ, маънавӣ, маърифатӣ ба ҳисоб мераваду диққату эътибори сайёҳон ба он пайваста баланд мегардад. Ва он тақозо дорад, ки соҳаи хизматрасонии шаҳр ба талаботи андозаҳои байналхалқӣ пурра ҷавобгӯ бошад. Дар ин бобат меҳмонхонаҳои замонавӣ нақши ниҳоят калон бозиданаш ба касе сир нест.

Аз ин рӯ, ба саъю кӯшиш ва ғайрати беҳамтои кормандони корхонаҳои муштараки ӯзбекистониву амрикоии «Мовароуннаҳр» дар шафати хиёбони Амир Темур меҳмонхона ба истифода супурда шуд, ки ба худ номи «Пойтахт»-ро гирифтааст. Ҳангоми сохтани он барои созгорӣ пайдо кардани усулҳои милливу аврупоии меъморӣ диққату эътибори калон доданду бинои назаррабои чорошёна қад кашид.

Меҳмонхона 112 ӯтоқ дошта, барои дар як навбат қабул кардани 165 меҳмон қодир аст. Бо кондисионерҳо, телевизиони маснӯи замин, алоқаи телефонии мобилии байналхалқӣ, яхдону барҳои хурд таъмин гардидааст. Дар назди меҳмонхона бизнес-марказ фаъолият пеш мебарад, ки меҳмонон дар он ҷо аз хизмати тарҷумонҳо, гидҳо, почтаи электронӣ, Интернет истифода бурда метавонанд. Дар ин ҷо бо компутерҳо кор карда, нусхаи ҳуҷҷатҳои мухталифро аз ин даргоҳ набаромада бардошта нашон мумкин аст.

Меҳмонхона шӯъбаи маркетинг ва хизматрасонӣ дорад, ки дар ин ҷо меҳмонон метавонанд визаву шиносномаҳои худро номнавис гардонанд, аз хизмати расмиғардонии ҷонибдории визагии баромада рафтан аз Ӯзбекистон ба дигар давлатҳо баҳра бардоранд, дар меҳмонхонаи дилхоҳ барои худ банд кардани ҷой имконият пайдо кунанд.

Тарабхонаҳои «Блисс» ва «Плаза», бари «Роял», ки дар ошёнаи якум ҷойгир аст, ба меҳмонон шабу рӯз хизмат мерасонанд. Дар ин масканҳо ҳам бо пули нақд ва ҳам тавассути карточкаҳои кредитии «Виза», «Мастер кард», «Американ экспресс» барои ҳаққи хизмат ҳисобу китобро баробар кардан мумкин аст.

Кушоиши боз як меҳмонхонаи замонавӣ дар бобати рушди сайёҳӣ дар мамлакатамон, ба пояи нав баланд бардоштани дараҷаи хизматрасонӣ иқдоми навбатӣ гардид.

**(Мухбири худамон).**

